Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-63-и
назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон (734055,
ш.Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5)

ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Досиев Маҳмадшоҳ Назарович ба диссертатсияи Субҳонзода Икром Субҳон дар мавзуи «Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст

1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Таҳқиқоти кори илмӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мутобиқат мекунад: 1. Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ; таҳияи методикаи ташкили фаъолият дар шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ. 3. Қонуниятҳо ва тамоюлҳои рушди соҳибкорӣ дар шароити муосир. 4. Пешгӯии тағйироти сохтории рушди соҳибкорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. 6. Ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ: аз рӯйи нишонаҳои ташкилию ҳуқуқӣ; миқёси фаъолият; намуди фаъолияти соҳибкорӣ (истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ, миёнаравӣ ва ғ.). 8. Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ. 9. Ташкил ва идоракунии соҳибкории муштарак. 12. Методология ва назарияи таъмини рақобатнокии сохторҳои соҳибкорӣ. 17. Принсипҳои назариявӣ, методологӣ ва методии ташаккул ва рушди фарҳанги соҳибкорӣ, меъёрҳои ахлоқии соҳибкорӣ. 21. Соҳибкории инноватсионӣ ва рушди он дар соҳаҳои иқтисод. 22. Таваккал дар фаъолияти соҳибкорӣ; самтҳои асосии ташаккули низоми идоракунии таваккал дар фаъолияти соҳибкорӣ.

2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Дар шароити муосири рушди иқтисоди миллӣ соҳибкории истеҳсолӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳимми таъмини рушди устувори

иқтисодӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, афзоиши ҳаҷми истеҳсолот, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ ва таҳкими иқтидори иқтисодии кишвар баромад менамояд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар назди худ ҳадафҳои рушди иқтисодиёти саноатӣ, диверсификатсияи истеҳсолот, истифодаи самараноки захираҳои дохилӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолиро гузоштааст, рушди соҳибкории истеҳсолӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Зарурати рушди соҳибкории истеҳсолӣ пеш аз ҳама ба тағйироти сохторӣ дар иқтисоди миллӣ ва талаботи нави бозор вобаста мебошад. Гузариш ба иқтисодиёти рақобатпазир тақозо менамояд, ки фаъолияти соҳибкорӣ аз самти тиҷорату хизматрасонӣ ба самти истеҳсоли молу маҳсулоти рақобатпазир бештар равона карда шавад. Дар ин замина, ташаккули корхонаҳои нави истеҳсолӣ, васеъ намудани иқтидори корхонаҳои амалкунанда, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, истифодаи самараноки ашёи хоми маҳаллӣ ва коркарди амиқи он метавонад барои рушди истеҳсолоти миллӣ заминаи устувор фароҳам оварад.

Яке аз масъалаҳои муҳимми иқтисодиёти муосири Тоҷикистон баланд бардоштани саҳми бахши хусусӣ дар истеҳсоли маҳсулоти миллӣ мебошад. Соҳибкории истеҳсолӣ метавонад дар таъсиси ҷойҳои нави корӣ, коҳиш додани сатҳи бекорӣ, афзоиши даромади аҳолӣ ва васеъ намудани манбаи андоз нақши назаррас дошта бошад. Ҳамзамон, рушди чунин соҳибкорӣ имконият медиҳад, ки иқтидори истеҳсолии минтақаҳо самаранок истифода гардида, нобаробарии рушди иқтисодии байни минтақаҳои алоҳида тадриҷан коҳиш дода шавад.

Масъалаи мазкур махсусан дар шароити сиёсати саноатикунонии босуръати кишвар аҳаммияти бештар пайдо менамояд. Дар ин раванд соҳибкории истеҳсолӣ метавонад ҳамчун механизми пайвасткунандаи сармояи хусусӣ, захираҳои меҳнатӣ, технология, ашёи хом ва талаботи бозор баромад кунад. Тавассути ҷалби сармоягузории хусусӣ ба соҳаҳои истеҳсолӣ имконияти зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ, кам намудани вобастагӣ аз воридоти баъзе намудҳои мол ва афзоиши имкониятҳои содиротӣ ба вуҷуд меояд.

Аз ин рӯ, омӯзиши самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Таҳқиқи вазъи кунунии соҳибкории истеҳсолӣ, муайян намудани омилҳои маҳдудкунанда, арзёбии имкониятҳои мавҷуда ва асоснок намудани самтҳои афзалиятноки

рушди он метавонад барои такмили сиёсати давлатии дастгирии соҳибкорӣ, рушди истеҳсолоти миллӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт ва таъмини рушди устувори иқтисодию иҷтимоии кишвар заминаи илмӣ фароҳам оварад.

Масъалаҳои номбаргардида ва муаммоҳои мавҷуда муҳимияти мавзӯи интихобгардидаро ифода менамояд.

3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда

Навоварии илмии диссертатсия аз таҳияи асосҳои назариявӣ ва амалии илман асоснокшуда ҷиҳати такмили механизми соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани афзалияти он дар байни дигар соҳаҳо иборат мебошад. Диссертант чунин навгониҳои илмиро асоснок карда, пешниҳод намудааст:

- дар навгонии аввал ҷиҳатҳои назариявии соҳибкории истеҳсолӣ муайян карда шуда, таснифоти намудҳо ва шаклҳои соҳибкории муосир ҳамчун омезиши самараноки омилҳои инноватсионии истеҳсолот бо мақсади баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва ба даст овардани рақобатпазирии корхона гузаронида шуда, нақши соҳибкории истеҳсолӣ ҳамчун омили муҳимтарини рушди муносибатҳои бозорӣ ва амалигардонии мақсадҳои миллии рушди кишвар асоснок карда шудааст;

– муқаррароти алоҳидаи назарияи иқтисодии соҳибкорӣ бо дарназардошти ошкор ва таҳлили рафтори девиантӣ, яъне ҳолатҳои дуршавии эҳтимолии субъектҳои соҳибкорӣ аз самти рушди бозорӣ ва принсипҳои рушди стратегии кишвар, дар шароити сатҳи баланди хароҷоти транзаксионӣ ва хароҷоти фидусиарӣ, ки ҳамчун хароҷоти мутобиқшавӣ ба муҳити бозорӣ баромад мекунанд, таҳия ва асоснок карда шудаанд. Муайян гардидааст, ки густариши таҷрибаи банақшагирии индикативӣ дар иқтисодиёти миллӣ дар баробари баланд гардидани нишондиҳандаҳои стратегии рушд метавонад барои ташаккули шароити мусоид ҷиҳати рушди босуръати соҳибкории истеҳсолӣ ва густариши самтҳои гуногуни фаъолияти он заминаи зарурӣ фароҳам оварад.

- дар навоварии дигар аз тарафи муаллифи диссертатсия методикаи коркард ва таҳияи низоми афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисодиёти миллӣ, дар асоси гурӯҳбандии бисёрсатҳии нишондиҳандаҳое, ки рушди сифатӣ ва миқдории фаъолияти

соҳибкориро дар иқтисодиёти миллӣ тавсиф мекунанд, асоснок ва пешниҳод карда шуд. Равиши мазкур имкон медиҳад, ки субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар асоси меъёрҳои пешниҳодшуда гурӯҳбандӣ карда шаванд ва самтҳои афзалиятноки рушди он ҳамчун "қутбҳои институтсионалии рушд"-и иқтисодиёти миллӣ ошкор карда шаванд;

– дар асоси методологияи таснифи соҳаҳои саноат аз рӯйи сатҳи рушди технологӣ, ки аз ҷониби Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (СҲИР) пешниҳод гардидааст, сохтори технологии соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шуда, муайян гардид, ки қисми асосии фаъолияти соҳибкорӣ ба соҳаҳои дорои сатҳи пасти технологӣ рост омада, ҳиссаи онҳо 36,4%-ро ташкил медиҳад. Дар баробари ин, ҳиссаи соҳаҳои миёнаи технологии сатҳи баланд 2,6% ва соҳаҳои миёнаи технологии сатҳи паст 21,9%-ро ташкил медиҳанд. Натиҷаҳои таҳлил зарурати таҳияи тадбирҳои иловагии ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкориро ҷиҳати гузариш ба фаъолияти истеҳсолии технологӣ ва афзоиши ҳиссаи соҳаҳои миёнаи технологӣ нишон медиҳанд, ки метавонад барои баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ, густариши иқтидори содиротӣ ва таҳкими мавқеи Тоҷикистон дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ замина фароҳам оварад.

- аз ҷониби муаллиф дар доираи ин навгонӣ дар заминаи муайянкунии афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ вобаста ба амалисозии ҳадафҳои миллӣ, алалхусус, саноатикунонии босуръат асоснок карда шуд, ки рушди минбаъдаи соҳибкории истеҳсолӣ дар кишвар ҳам бо афзоиши иқтидорҳои истеҳсолии мавҷуда ва ҳам зарурати диверсификатсияи соҳавию бахшии фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин, бо тавсеаи тадбирҳои андешидашуда, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва самаранокии фаъолияти корхонаҳои амалкунанда равона шудаанд, алоқаманд аст;

- масъалаҳои такмилдиҳии ҳуҷҷатҳои барномавии рушди саноати кишвар, дар заминаи баланд бардоштани нақши соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити муосир пешниҳод карда шуданд. Нишон дода шудааст, ки чорабиниҳо ва самтҳои амали барномаҳои гуногуни рушди саноат на танҳо бо масъалаҳои такмилдиҳии таъминоти меъёрии ҳуқуқӣ маҳдуд карда шаванд, балки бояд муайян кардани истеҳсолоти асосии ватаниро ҳамчун нуқтаҳои рушди иқтисоди миллӣ ва аз ин рӯ, чорабиниҳое, ки ба ҳавасмандгардонии соҳибкорон барои сармоягузорӣ ба ин бахшҳо нигаронида шудаанд, дар бар гиранд.

Таҳлили таҳқиқоти гузаронидашудаи муаллиф маълум менамояд, ки муаллиф дар мавзуи самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ сарчашмаҳои илмиро самаранок истифода бурда, мустақилона маълумот ва далелҳои омориро дар самти мавзуи таҳқиқот ҷамъоварӣ намуда, дар асоси коркард ва таҳлили онҳо хулосаҳои лозимаро пешниҳод намудааст.

Мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллифи таҳқиқот ва автореферат ба мазмуни диссертатсия пурра мувофиқат мекунанд.

4. Асосноки ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда

Асосноки ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардида ба истифодаи маҷмӯи усулҳои илмии таҳқиқот, омӯзиш ва таҳлили назариявию методологии масъалаҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити иқтисоди муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон асос меёбад. Дар раванди таҳқиқот маводди илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти назария ва амалияи соҳибкорӣ, иқтисодиёти истеҳсолӣ, рушди бахши хусусӣ, сиёсати саноатӣ ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ мавриди омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷониба қарор дода шудааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин, бо истифодаи маълумоти оморӣ ва нишондиҳандаҳои иқтисодии дахлдор, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ, инчунин, маводди таҳлилӣ оид ба вазъи соҳибкорӣ ва истеҳсолот таъмин гардидааст. Дар таҳқиқот усулҳои таҳлили иқтисодӣ, муқоисавӣ, оморӣ, системавӣ, сохторӣ-функсионалӣ, монографӣ ва усулҳои гурӯҳбандӣ истифода гардида, имконият фароҳам оварданд, ки тамоюлҳои асосии ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ муайян карда шаванд.

Асоснокии хулосаҳои илмӣ аз таҳлили омилҳои таъсиррасон ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ, аз ҷумла дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, сатҳи рушди инфрасохтори истеҳсолӣ, таъминоти технологӣ, омодагии кадрҳо, сатҳи рақобатпазирӣ, имкониятҳои бозорӣ, муҳити институтсионалӣ ва самаранокии механизмҳои дастгирии давлатӣ бармеояд. Дар ин замина, афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисоди миллӣ ва зарурати диверсификатсияи истеҳсолот, истифодаи самараноки захираҳои

маҳаллӣ ва васеъ намудани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир муайян карда шудаанд.

Эътимоднокии тавсияҳои пешниҳодшуда бо хусусияти амалӣ доштани онҳо ифода ёфта, барои такмили механизмҳои ташкилию иқтисодии дастгирии соҳибкорони истеҳсолӣ, беҳтар намудани дастрасӣ ба маблағгузорӣ, рушди инфрасохтори соҳибкорӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва рақамикунонии равандҳои истеҳсолӣ, баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат ва рақобатпазирии субъектҳои соҳибкорӣ равона гардидаанд. Тавсияҳои мазкур метавонанд ҳангоми таҳия ва такмили барномаҳои давлатӣ ва минтақавии рушди соҳибкорӣ, сиёсати иқтисодию саноатӣ ва чораҳои дастгирии бахши истеҳсолӣ истифода шаванд.

Ҳамин тариқ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда ба натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҳлили нишондиҳандаҳои иқтисодию оморӣ асос ёфта, бо мақсади ҳалли масъалаҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидаанд. Ин омилҳо барои асоснокӣ, эътимоднокӣ ва аҳаммияти илмӣ-амалии натиҷаҳои диссертатсионӣ заминаи зарурӣ фароҳам меоранд.

5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо. Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар таҳкими заминаҳои илмӣ-методологии рушди соҳибкории истеҳсолӣ, муайян намудани самтҳои афзалиятноки он ва таҳияи муносибатҳои назариявӣ оид ба фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ зоҳир мегардад. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои рушди минбаъдаи таҳқиқоти илмӣ дар самти соҳибкории истеҳсолӣ, ҷалби сармоя, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва такмили муҳити иқтисодии кишвар ва минтақаҳои он истифода шаванд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот аз имконияти истифодаи натиҷаҳои илмӣ дар раванди такмили шаклҳо ва усулҳои дастгирии давлатии соҳибкории истеҳсолӣ иборат мебошад. Татбиқи хулоса ва тавсияҳои таҳқиқот метавонад ба фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти соҳибкорӣ, густариши имкониятҳои ҷалби сармоягузорӣ, таҳкими устувории молиявии субъектҳои соҳибкорӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо дар бахши воқеии иқтисодиёт мусоидат намояд.

Натиҷаҳои таҳқиқот инчунин метавонанд дар самти таҳкими интизоми молиявӣ, беҳтар намудани вазъи молиявии субъектҳои соҳибкорӣ, рушди истеҳсолоти рақобатпазир ва баланд бардоштани нақши соҳибкории истеҳсолӣ дар рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар истифода шаванд. Тавсияҳои пешниҳодгардида барои мақомоти давлатӣ, сохторҳои дастгирии соҳибкорӣ ва субъектҳои бахши хусусӣ ҳангоми таҳия ва татбиқи чорабиниҳои марбут ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ аҳамияти амалӣ дошта метавонанд.

Ҳамчунин, муқаррароти илмии кори диссертатсиониро дар ҷараёни таълими фанҳои «Назарияи иқтисодӣ», «Иқтисодиёти соҳибкорӣ», «Микроиқтисод», «Иқтисоди минтақавӣ» барои тайёр кардани кадрҳои баландихтисос дар муассисаҳои таҳсилоти касбии мамлакат инчунин, дар курсҳои такмили ихтисоси устодони факултаҳои иқтисодии кишвар истифода бурдан мувофиқи мақсад аст.

Сохтори кори диссертатсия, гузориши мақсад ва алоқамандии онро тасдиқ мекунад.

Хулоса ва сохтори диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, 14 зербоб, хулосаву пешниҳод ва рӯйхати адабиёт иборат буда, 351 саҳифаи матни компютериро дар бар гирифта, бо 36 ҷадвал, 8 расм ва 9 диаграмма анҷом ёфтааст.

6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷалаҳои тақризшавандаи илмӣ.

Аз маълумоти дар автореферат ва диссертатсия овардашуда бармеояд, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 41 корҳои илмӣ, аз ҷумла, 3 монография, 23 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, ки натиҷаҳои муҳимми илмии диссертатсияро дар бар мегиранд.

Таҳлили интишороти муаллиф нишон медиҳад, ки онҳо самтҳои асосии таҳқиқот, муқаррароти назариявӣ, натиҷаҳои таҳлилӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои амалии диссертатсияро ба таври кофӣ инъикос намудаанд. Маводди нашршуда ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот алоқамандии мустақим дошта, саҳми илмии муаллифро дар ҳалли масъалаҳои ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон инъикос менамоянд.

Дар маҷмӯъ, шумора, муҳтаво ва сатҳи илмии интишороти муаллиф ба талаботи муқарраргардидаи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба натиҷаҳои нашршудаи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, барои арзёбии натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчун корҳои илмии мустақил асос фароҳам меоранд.

7. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Таҳияи диссертатсия дар мувофиқа бо талаботи Дастурамал оид ба барасмиятдарории диссертатсия, автореферат ва дигар маводҳои илмӣ (Замимаи 2 ба фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикстон аз 27 декабри соли 2024, №493) сурат гирифтааст. Муқаддима ва бахшҳои кори илмӣ, сатҳи таҳқиқоти илмӣ, робитаи таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, манбаҳо ва пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмӣ, нуқтаҳои муҳим ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, тобеи талаботи мазкур мебошанд. Диссертатсия ва автореферати он мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсионӣро ба худ инъикос намудааст ва дар он навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, баён гардидаанд.

Тарзи таҳия ва барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, кори диссертатсионӣ мутобиқ ба меъёрҳои дахлдори Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ омода гардидааст.

Автореферати диссертатсия муҳтавои асосии таҳқиқот, натиҷаҳои илмии бадастомада, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии муаллифро ба таври пурра инъикос намуда, тибқи талаботи амалкунанда таҳия ва ба расмият дароварда шудааст.

8.Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар раванди таҳқиқот

Таҳлили муҳтавои диссертатсия ва интишороти илмии муаллиф шаҳодат медиҳад, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқот бо иштироки бевосита ва саҳми шахсии довталаб ба даст оварда шудаанд. Саҳми шахсии муаллиф дар муайян намудани самтҳои асосии таҳқиқот, таҳияи заминаҳои назариявию методологии масъала, ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоти таҳлилӣ, омӯзиши таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин, асоснок намудани хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ-амалӣ ифода меёбад.

Дар боби якум "Асосҳои назариявӣ-методологии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар низоми бозории хоҷагидорӣ" масъалаҳои соҳибкорӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ ва ҷойгоҳи он дар низоми муносибатҳои бозорӣ, таснифоти намудҳо ва шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити муосир, равишҳои назариявӣ-методологӣ оид ба омӯзиши рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва масъалаҳои мутобиқсозии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешаванд.

Дар диссертатасия ба маврд қайд гардидааст, ки дар айни замон, афзалиятҳои соҳибкории инноватсионӣ метавонад таваҷҷӯҳи ташаббускорон ва ҳукумати кишварро барои тақвияти он афзоиш дода, заминаҳои ташаккули онро ба таври доимӣ пайгирӣ намояд. Бинобар ин, яке аз афзалиятҳои асосие, ки он дар заминаи татбиқи соҳибкории инноватсионӣ ба даст оварда мешавад, ин албатта самараи баланд ва хавфи пасти идорашаванда дар ин шакли фаъолият мебошад (с. 59).

Бояд қайд намуд, ки ақидаи муаллиф дар мавриди такмили соҳибкории истеҳсолӣ қобили қабул буда, ӯ иброз медорад, ки дар таъмини амнияти озуқавории ҳар як кишвари алоҳида, соҳибкории аграрӣ мавқеи калидӣ дошта, он дар истеҳсоли маҳсулоти гуногуни ғизоӣ ва ғайриғизоии давлат мавқеи ҳалкунанда дорад. Бинобар ин, дар ташкил ва пешбурди ҷараёнҳои соҳибкории истеҳсолӣ, соҳибкории кишоварзӣ аз дигар шаклҳои соҳибкории истеҳсолӣ ба таври куллӣ фарқ мекунад. Зеро соҳибкории кишоварзӣ дар асоси қувва ва нерӯи халқ, ки онҳо қобили меҳнат мебошанд, бармеояд. Як хусусияти хоси фаъолияти соҳибкории кишоварзӣ дар он зоҳир мегардад, ки ин шакли соҳибкорӣ дар муқоиса бо дигар шаклҳои он осебпазир мебошад ва ба дастгирии бештаре ниёз дорад (с. 62).

Инчунин, аз ҷониби муаллиф бамаврид қайд карда шудааст, ки Ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои стратегӣ, ки асоси онро даромади максималӣ ташкил медиҳад, соҳибкор бояд барои ноил гардидан ба ин ҳадафи муҳим дорои малакаи хуби касбӣ дар соҳаи иқтисодиёт буда, аз малакаи касбӣ ва зеҳни манфиатпазири худ истифода намуда, ҳодиса ва равишҳои бавуҷудомадаро дарк карда тавонад. Илова бар ин, соҳибкор бояд, ки дар табиати худ қобилияти хуби бозоршиносӣ дошта, вобаста ба тағйирёбии таркиби талабот дар бозор истеҳсолоти молу маҳсулоти гуногунро роҳандозӣ намояд. Дар масъалаи фаъолияти соҳибкорӣ бехатарӣ яке аз омилҳое мебошад, ки дар баробари гирифтани фоидаи максималӣ риояи таносуби меъёри хавф аз нуқтаи назари сатҳи таъсиррасонии паст мебошад (с. 73).

Дар боби дуюм "Субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ ҳамчун «қутбҳои институтсионалии рушд»-и иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон", аз ҷониби муаллифи рисолаи илмӣ масъалаҳои асосҳои назариявии паст кардани сатҳи рафтори девиантии субъектҳои соҳибкорӣ, методологияи интихоби афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди миллӣ ва афзалиятҳои шаклҳои ташкилию ҳуқуқии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Ба андешаи муаллиф ташаккул ва рушди ҳар як самти фаъолият дар заминаи меъёрҳои иҷтимоӣ ва қобилиятҳои доимии онҳо ба вуҷуд омада, пайгирии самтҳои афзалиятнок ва ҳалли муаммоҳои дар он ҷойдошта бояд ҳадафи асосӣ бошад. Дар муҳити фаъолияти соҳибкорӣ рафтори девиантии фаъолияти соҳибкорӣ низ метавонад тамоюлҳои мусбат ва манфиро ба ҳам дошта бошад. (с. 96). Ҳамчунин ба гуфтаи муаллиф ташаккули механизми тағйироти институтсионалӣ дар давраи бунёди иқтисоди омехта бояд бо мониторинг ва таҳлили вазъи муҳити институтсионалӣ, ҷустуҷӯйи алтернативаҳо, идоракунӣ ва мавҷудияти барномаҳои ҷорӣ намудани институтҳои бозорӣ, инчунин, назорат дар татбиқи онҳо ҳамроҳ карда шавад (с. 98).

Ҳамзамон, дар кори илмии тақризшаванда аз ҷониби муаллиф қайд карда шудааст, ки вобаста ба баррасиҳои назариявӣ дар масоили мубрами мушаххассозии сабабҳо ва вазъияти дуршавии омилҳои (девиантӣ) рафтори алоҳидаи шахсии сохторҳои соҳибкорӣ аз масири бозор (универсалӣ), инчунин, имкониятҳои истифодаи усулҳои ислоҳи чунин рафтор вобаста ба талаботи замони мазкур бояд мувофиқ карда шавад. Дар ин маврид, хеле муҳим он аст, ки самтгирии рушди низоми хоҷагидорӣ дар самти бозор манфиати стратегии давлат аст, вале механизми асосӣ дар ин ҳаракат соҳибкорӣ мебошад (с. 101).

Муаллифи рисолаи илмӣ хулосабарорӣ кардааст, ки ба субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар саноати мамлакат расондани нияту вазифаҳои банақшагирии индикативӣ, ки бо мақсади амалишавии босифати саноатикунонии босуръати кишвар нигаронида шудаанд, масъалаи хеле муҳим мебошад (с. 106). Ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар ин самтҳо низ то андозае барои ҷорӣ намудани чорабиниҳои иттилоотӣ оид ба тавзеҳ додани нуқтаҳои мақсадноки барномаҳои қабулкардаи ҳукумат алоқаманд мебошад ва

тамоми паҳлуҳои зарурии рушди ин самти муҳимро таҷассум менамоянд (с. 108).

Барои баҳогузорӣ ва арзёбии методологияи интихоби афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди миллӣ, аз ҷониби муаллифи рисолаи имлӣ қайд карда мешавад, ки барои кишварамон интихоби афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити муосир вазифаи мураккабест, ки ба назар гирифтани омилҳои зиёдро тақозо мекунад.

Муаллифи диссертатсия дуруст қайд мекунад, ки соҳибкории инфиродиро аз нуқтаи назари соҳибкории деҳот, ба фикри мо, ба соҳибкории кишоварзӣ ва ғайрикишоварзӣ тақсим кардан мумкин аст. Соҳибкории инфиродии кишоварзӣ дар замони ҳозира дар шакли хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ки шахсони ҳуқуқӣ намебошанд, муаррифӣ шудааст (с. 133).

Аз ҷониби муаллиф ба маврид қайд карда шудааст, ки дар робита ба ин, бо таҳлили давраи солҳои 2022-2023 аз миқдори умумии нахи пахтаи истеҳсолшуда дар корхонаҳои хурди кишвар 34644,2 ва 8009,3 тоннаро ташкил дода, дар он ҳиссаи ҶДММ 32069 ва 6783 тонна ё 92,6 фоиз ва 84,7 фоизро ташкил дод. Арзиши умумии маҳсулоти истеҳсолшуда соли 2023 105813,96 ҳазор сомониро ташкил дода, нақши ҶДММ 87522,7 ҳазор сомонӣ ё 82,7 фоизро ташкил дод. Инчунин, дар истеҳсоли нахи пахта дар корхонаҳои калон дар таносуб бо дигар шаклҳои фаъолияти иқтисодӣ ҳиссаи ҶДММ назаррас буда, ҳиссаи корхонаҳои мазкур дар давраи таҳлилшаванда 80,7 фоиз ва 81 фоизро ташкил намуда, ин арзиш дар соли 2023 бошад, ҳиссаи ҶДММ 80,5 фоизро ташкил медиҳад (с. 136).

Дар боби сеюм "Асосҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди афзалиятноки соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат" масъалаҳои таҳлили рушди соҳибкорӣ дар соҳаи саноати кишвар дар доираи саноатикунонии босуръат, афзалиятҳои соҳавии соҳибкории истеҳсолӣ ва масъалаҳои саноатикунонии босуръат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, афзалиятҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар заминаи сиёсати ҳамгироии ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда (дар мисоли саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон) баррасӣ карда шуданд (с. 146-185).

Дар саршавии ин боб муаллифи рисолаи илмӣ дуруст қайд менамояд, ки Ба масъалаҳои рушди саноат ва соҳибкорӣ дар кишвар ҳама вақт дар стратегияҳо ва барномаҳои қабулшудаи давлатии рушд диққати махсус зоҳир гардида, тибқи сенарияҳо ва меъёрҳои

пешбинигардида ба фаъолияти соҳаҳои муҳими иқтисодӣ таваҷҷӯҳ зоҳир мегардад(с. 146).

Муаллиф як қатор маълумотҳоро таҳлил намуда ба хулосае омадааст, ки Дар солҳои 2018-2024 вобаста ба лапиши назарраси маълумоти овардашуда ва таҳлилгардида, суръати рушди соҳаҳои саноат хеле фарқ мекунад. Ҳамин тавр, агар ҳаҷми маҳсулоти соҳаҳои саноати истихроҷ дар нархҳои солҳои дахлдор 185,3 фоиз, дар соҳаҳои саноати коркард 124,0 фоиз зиёд шуда бошад, пас дар истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ онҳо танҳо 79,7 фоиз афзудаанд, ки суръати умумии афзоиши ҳаҷми саноатро 125,5 фоиз таъмин кардааст (с. 146).

Дар баробари ин, муаллифи рисолаи имлӣ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ хулосабарорӣ кардааст, ки вобаста ба имкониятҳои иқтисодӣ ва сатҳи даромаднокии аҳолӣ, дастгирии соҳибкории хурд дар айни замон мувофиқи мақсад буда, дастгирии он асосан ба бозори дохилӣ (воридотивазкунӣ), корхонаҳои калон ба содирот (ба содирот нигаронидашуда) равона карда шуда, корхонаҳои миёна бошад, самараноктар фаъолияти худро дар шароити татбиқи сиёсати интегралии стратегияи савдои хориҷӣ ба роҳ мондаанд.

Ҳамзамон, аз ҷониби муаллиф ақидае асоснок карда мешавад, ки дар таҳқиқоти илмии худ мо вобаста ба шиддати тамоюлҳои ҷаҳонишавӣ, соҳаи саноат ва дигар сохторҳои марбут ба бахши воқеии иқтисодиётро вобаста ба дараҷаи технологӣ ба гурӯҳҳои асосӣ тақсимбандӣ намудем, ки дар он соҳаҳои баланди технологӣ бо доштани имконият ва иқтидорҳои наву пешрафта дар соҳаи истеҳсолот, соҳаҳои миёнаи технологии сатҳи баланд бо доштани имкониятҳои қаблан мавҷудбуда ва навсозии онҳоро мавриди баррасӣ қарор додем(с. 160).

Муаллиф мушаххас намудааст, ки сабаби болоравии суръати рушди маҳсулоти саноатӣ дар солҳои 2019-2020 якбора зиёд шудани талабот ба молҳои саноатӣ аз ҳисоби як қатор мушкилот ва маҳдудиятҳои берунӣ ва ҳамзамон, таваҷҷӯҳи махсуси ҳукумат ба ин соҳа мебошад. Дар соли 2024 бошад, ин тамоил мутаносибан афзоиш ёфта 53,8 милиард сомониро ташкил намуда, суръати рушд ва рушди ҳиссавии он дар таркиби ММД 20 фоизро ташкил намуд. Ин зиёдшавӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар давоми чанд соли охир таваҷҷӯҳ ба ин бахши калидии мамлакат тамоюли навро касб намудааст, ки дар ҳама самт ва сохторҳои саноати кишвар нишондиҳандаҳо назаррасанд (Саҳ. 165).

Ҳамчунин, дар рисолаи тақризшаванда аз ҷониби муаллиф қайд карда шудааст, ки корхонаҳои миёна аксар вақт аз корхонаҳои хурду калон нигоҳ карда, бисёртар ва зиёдтар омодаанд технологияҳои нав ва навовариҳоро ҷорӣ кунанд, ки ин рақобатпазирии маҳсулотро дар бозорҳои байналмилалӣ афзоиш медиҳанд. Бо сабаби чандирии худ, корхонаҳои миёна метавонанд ба тағйирот дар тиҷорати байналмилалӣ тавассути таъсиси шарикии нав ва ворид шудан ба бозорҳои нав зудтар амал кунанд. Дар маҷмуъ, маҳз ҳамин намуди соҳибкории истеҳсолӣ имрӯз дар ҷумҳурӣ ба дастгирии давлат ниёз дорад. Аз ин рӯ, барномаҳо ва ташаббусҳои давлатӣ ҳамчун механизми индикативии танзими фаъолияти соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ бояд, дар дастгирии корхонаҳои миёна тавассути дастрасӣ ба маблағгузорӣ, омӯзиш ва кор дар бозорҳои байналмилалӣ нақши муҳим дошта бошанд.

Дар боби чорум "Вазъи кунунӣ ва мушкилоти рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" махсусиятҳои ташаккулёбӣ ва фаъолияти соҳибкории кишоварзӣ ва дигаргунсозиҳои бозории муносибатҳои аграрӣ – омили рушди соҳибкорӣ дар КАС- и Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтааст (с. 205-251).

Бояд қайд намуд, ки муаллиф дар рисолаи илмӣ таҳлил гузаронида, ба маврид хулосабарорӣ кардааст, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ аз давраи пайдоиши олам то ба имрӯз асилтарин омили рушди соҳаи кишоварзӣ новобаста аз замон ва вақт замин маҳсуб ёфта, имконияту иқтидорҳо дар дилхоҳ соҳа тавассути замин таъмин карда мешаванд. Илова бар ин, ниҳоди соҳибкорӣ низ дар ташаккули иқтидорҳо ба воситаи замин ниҳоят муҳим ва назаррас мебошад (с. 205).

Дар кори илмии тақризшаванда аз ҷониби муаллиф қайд карда мешавад, ки бахши соҳибкории аграрӣ дар низоми иқтисодӣ мақоми махсусеро ишғол менамояд, зеро бе сатҳи мутаносиби тараққиёти он фаъолияти дурусти дигар соҳаҳо ва аз ҳама муҳим, ҳалли мушкилоти озуқавории ҷамъият номумкин мебошад. Бинобар ин, дар ҳама гуна низоми иқтисодӣ таъмини фаъолияти самараноки бахши кишоварзӣ яке аз афзалиятҳои асосии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ҳисоб меравад (саҳ. 198).

Боиси қайд аст, ки дар давраи таҳқиқот дар корхонаҳои кишоварзӣ камшавии истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ ба чашм мерасад, аз ҷумла – истеҳсоли гӯшт тақрибан 46,1 фоиз, шир 95,6 фоиз, пашм –

92,7 фоиз кам гардида, танҳо афзоиши истеҳсоли тухм мушоҳида гардида, ин нишондиҳанда 231,1 фоиз афзудааст. Чи хеле ки аз ҷадвали 4.5 бармеояд, дар соли 2019 корхонаҳои кишоварзӣ ба истиснои пахта ва картошка комилан мавқеи пешсафии худро дар истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ аз даст дода, дигар бо хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки аллакай истеҳсолкунандагони асосии маҳсулоти растанипарварӣ, аз он ҷумла пахта гардидаанд, рақобат карда наметавонад (саҳ. 198 -199).

Муаллиф дар ин боб дуруст қайд менамояд, ки ҳама шаклҳои ташкилию ҳуқуқии истеҳсолоти кишоварзӣ, аз қабили хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), хоҷагиҳои шахсии ёрирасон, кооперативҳои кишоварзӣ, агроширкатҳо, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, корхонаҳои иҷора ва муштарак ва ғайра дар шароити бозор метавонанд ҳамчун шаклҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисоди миллӣ баррасӣ карда шаванд, аммо афзалиятҳои рушди онҳо бояд, пеш аз ҳама ҳалли ҳадафҳои стратегии рушди кишвар ва дуввум истеҳсоли инноватсионӣ бошанд.

Дар боби панҷум "Афзалиятҳои стратегии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", кластеризатсия ҳамчун модели ташкилии рушди соҳибкорӣ дар иқтисоди миллӣ, рақамикунонии истеҳсолот ҳамчун омили таъмини бартарии рақобатии соҳибкории истеҳсолӣ ва сармоягузорӣ ба иқтисоди «сабз» ҳамчун афзалияти стратегии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (с. 252-283).

Дар ин қисмати кори илмӣ, муаллиф дуруст қайд менамояд, ки равиши кластерӣ ба самти рушди соҳибкории истеҳсолӣ, метавонад самаранокӣ ва рақобатпазирии ширкатҳоро ба таври назаррас афзоиш дода, ба муҳити инноватсионӣ ва динамикии тиҷорат мусоидат кунад. Аммо, татбиқи бомуваффақияти ин равиш иштироки фаъолонаи ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор, аз ҷумла тиҷорат, мақомоти давлатӣ ва муассисаҳои таълимиро талаб мекунад. Дар мавриди шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон кластерикунонӣ ҳамчун шакли ҳамгироӣ самти калидии баланд бардоштани самаранокии комплекси агросаноатии (КАС) кишвар ва рушди саноатии минтақаҳо кишвар мебошад (с. 246-260).

Ба гуфти муаллиф яке аз механизмҳои таҷрибавие, ки дар сатҳи мамлакат метавонад натиҷаи назаррас диҳад ин, албатта ташкили кооперативҳои истеҳсолӣ дар заминаи хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ ва кластеризатсияи соҳаи кишоварзӣ мебошад. Имрӯз як масъалаи асосие,

ки татбиқ ва амалишавии барномаҳоро дар ҳамаи самтҳо, махсусан, бахшҳои воқеии иқтисодиёт метезонад, ин, албатта, раванди ҳамгироӣ махсусан, дар бахши комплекси агросаноат маҳсуб меёбад. Вобаста ба кашфиёти илмӣ дар соҳа ва ҳолати воқеии соҳа гуфтан мумкин аст, ки дар Тоҷикистон ҳамгироии комплекси агросаноат ҳанӯз дар миёнаҳои асри 20 ҳамчун масъалаи асосӣ маҳсуб ёфт, ки дар айни замон, он ҳамчун масъалаи асосӣ ва калидӣ ҳисобида мешавад. Ғайр аз ин, дар шароити саноатикунонии босуръат ҳамгироии уфуқӣ ва сониян, ҳамгироии амудӣ чун дигар шаклҳои ҳамгироӣ дорои бартарӣ буда, афзалиятҳои рушди истеҳсоли саноат ва кишоварзиро метавонад пурра таъмин намояд (саҳ. 254-255).

Ҳамзамон, муаллиф дуруст қайд менамояд, ки иқтисоди рақамӣ як марҳилаи нав дар рушди иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад, ки дар он технологияҳои рақамӣ ба воситаи асосии эҷод, паҳн ва истеъмоли молҳо ва хидматҳо табдил меёбанд. Дар заминаи рушди соҳибкории истеҳсолӣ иқтисоди рақамӣ барои баланд бардоштани самаранокӣ, оптимизатсияи равандҳо ва эҷоди маҳсулоти инноватсионӣ уфуқҳои нав мекушояд. Бинобар он, таъкиди муаллиф саривақтӣ мебошад (саҳ 266).

Дар баробари ин, дар таҳқиқоти илмӣ шаш афзалияти асосӣ ҷудо карда шудааст, ки афзалиятҳои рақамикуниро барои соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад. Пеш аз ҳама ин, тавассути рақамикунонӣ ва электронинамоии ҷараёни амалиёт, босамаргардонии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ; дуюм - ташаккули фабрикаҳои ҳушманд ва саноати 4.0; сеюм - ин оптимизатсияи занҷираи таъминот тавассути рақамикунонӣ, ки ба беҳтар кардани идоракунии занҷираи таъминот тавассути платформаҳои рақамӣ, пайгирии ҳаракати молҳо ва банақшагирии автоматӣ мусоидат мекунад; чорум - афзоиш тавассути рақамикунонии сифати маҳсулот; панҷум - ноил шудан ба фардикунонӣ ва чандирии истеҳсолот ва ниҳоят шашум - таъмини амнияти киберӣ.

Дар хулосаи рисолаи илмӣ муқаррароти асосии таҳқиқот оварда шудааст ва пешниҳоду тавсияҳо барои истифодаи натиҷаҳои назариявию амалии диссертатсия асоснок карда шудаанд.

9. Эрод ва тавсияҳо барои беҳтар гардонидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия

Новобаста аз аҳаммияти баланди илмӣ ва амалии диссертатсия ва дар сатҳи баланди фаҳмишҳои илмӣ докторант ба натиҷҳои назаррас ноил гардидааст, ҳамоно баъзе норасогиҳоро низ, во хурдан мумкин аст, ки ба сифат, сатҳи илмӣ ва дараҷаи фарогирии диссертасияи докторӣ таъсири манфӣ намерасонанд ва аз бандҳои зерин иборатанд:

1. Дар қисмати назариявии диссертатсия фикру ақидаи олимони ватанӣ дар бораи мафҳуми соҳибкорӣ камтар ба назар мерасад.

2. Дар диссертатсия моҳияти иқтисодии мафҳуми «соҳибкории истеҳсолӣ» нисбатан васеътар шарҳ дода шуда, фарқияти он аз дигар шаклҳои соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории тиҷоратӣ, хизматрасонӣ ва молиявӣ, ба таври кофӣ мушаххас карда нашудааст.

3. Дар таҳқиқот таъсири дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ ва қарзҳои бонкӣ ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ баррасӣ гардида бошад ҳам, таҳлили амиқи арзиши маблағгузорӣ ва таъсири меъёрҳои фоизӣ ба фаъолияти истеҳсолии субъектҳои соҳибкорӣ ба такмили бештар ниёз дорад.

4. Дар диссертатсия масъалаи рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва таъсири он ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ баррасӣ гардидааст, аммо робитаи байни рушди истеҳсолот, афзоиши шуғл, баландшавии маҳсулнокии меҳнат ва афзоиши даромади аҳолӣ метавонист бештар асоснок карда шавад.

5. Ба масъалаи истифодаи технологияҳои муосир ва рақамикунонии фаъолияти субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст, вале таъсири онҳо ба баланд гардидани маҳсулнокии меҳнат, паст намудани хароҷоти истеҳсолӣ ва рақобатпазирии маҳсулот метавонист муфассалтар таҳлил карда шавад.

6. Дар муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ истифодаи нишондиҳандаҳои муқоисавии кишварҳои дигар метавонист имконияти арзёбии мавқеи Тоҷикистон ва истифодаи таҷрибаи пешқадами байналмилалиро васеъ намояд.

7. Дар таҳқиқот нақши дастгирии давлатии соҳибкории истеҳсолӣ дуруст таъкид гардидааст, аммо арзёбии самаранокии механизмҳои амалкунандаи имтиёзҳои андозӣ, молиявӣ, қарзӣ ва дигар шаклҳои дастгирии давлатӣ ба таҳлили иловагӣ ниёз дорад.

Эроду камбудиҳои зикршуда сатҳи назариявӣ-методологӣ ва амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Дар умум диссертатсияи тақризшаванда таҳқиқоти ба итмомрасида ҳисобида шуда, мустақилияти муаллиф дар омода намудани он эҳсос мешавад.

10.Тавсиф ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия

Муқаррарот ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дар дар амалисозии ҳадафҳои асосии рушди соҳибкории истеҳсолӣ, имконпазирӣ ва татбиқи амалии сиёсати иқтисодии давлат ва таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияву семинарҳои илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ, аз ҷумла: «Проблемаҳои идоракунии рушди инсонӣ ва ҷавонон» (Душанбе, 2012), конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Масъалаҳои рушди устувори соҳибкорӣ дар Тоҷикистон: омилҳо, тамоюлҳо ва сармоягузорӣ" (Душанбе 2024), конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи "Танзими молиявии рушди босуботи инноватсиониву индустриалии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Душанбе 2024) дар шакли маърузаҳо пешниҳод гардида, аз ҷониби иштирокчиён баҳогузорӣ ва дастгирии илмӣ пайдо намудаанд.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои диссертатсия на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки арзиши баланди амалиро низ доро буда, сатҳи татбиқпазирии он дар раванди таълим ва фаъолияти амалии фаъолияти соҳибкорӣ тасдиқ карда мешавад.

11. Хулосаи ҷамъбастӣ

Диссертатсияи Субҳонзода Икром Субҳон дар мавзуи «Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон» таҳқиқоти илмии мустақилона ва пурра анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба ҳалли масъалаҳои мубрами ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон равона гардидааст.

Автореферати диссертатсия муҳтавои асосии таҳқиқот, навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои бадастомадаро пурра инъикос намуда, дараҷаи эътимоднокии хулосаҳои илмиро нишон медиҳад. Интишороти муаллиф мазмун ва самтҳои асосии таҳқиқотро фаро гирифта, бо

натиҷаҳои диссертатсия ҳамоҳанг мебошад ва дурустии хулосаҳои илмиро тасдиқ менамояд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Субҳонзода Икром Субҳон дар мавзуи «Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон» аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯйи талаботи бандҳои 31 ва 33–и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591, тасдиқ шудааст, мебошад. Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллифи кори диссертатсионии мазкур дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) дода шавад.

Муқаррризи расмӣ:
Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва
иқтисоди рақамии Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Досиев М. Н.

Имзои д.и.и., профессор Досиев М.Н. – ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси АИДНПҶТ Насурдинзода А. Н.

“31” 10 2026

Суроғаи муассиса:
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Саид Носир, 33, Тел: (+992) 985 56 65 66, +992(37) 224-17-86